# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи номзадии Маликов Абдувоҳид Расулҷонович дар мавзӯи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои адабиёти бадеӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Забоншиносони тоҷик ва фаронсавӣ як қатор дастуру мақолаҳо, асарҳои таълимиву илмӣ таълиф намудаанд, ки онҳо категория ва соҳаҳои мухталифи забонро фаро мегиранд ва вижагиҳои таҳлилнаёфтаи онро равшан мекунанд. Бо вуҷуди ин, як қатор масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо дигар забонҳо ба таҳқиқи амиқ ниёз дорад. Масъалаи сифатҳои аслӣ дар забонҳои фавқ метавонад яке аз чунин масъалаҳо ба ҳисоб равад. Гарчанде ки масъалаҳо роҳҳои корбурд ва ифодаи сифат ва дараҷаҳои он аз ҷониби баъзе забоншиносон дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар шакли алоҳидагӣ таҳқиқ шуда бошанд ҳам, аммо ҷанбаи муқоисавии ин забонҳо ба риштаи пажӯҳиш пурра кашида нашудааст.

Ҳувайдост, ки сифат ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ дар забонҳои мавриди таҳқиқ пажӯҳиши ҳаматарафа ва амиқро дар риштаи муқоиса талаб мекунад ва дар шакли як рисола мушаххас кардани вижагиҳои типологии он аз имкон берун аст. Рисолаи мавриди назар ба таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ забонҳои тоҷикию фаронсавӣ бахшида шудааст.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Зимни таҳқиқ ва баррасии омӯзиши сифат рисолаву таҳқиқоти илмии зиёд ба анҷом расидааст. Омӯзиши ҳамаҷонибаи сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ вусъат ёфта, дар таҳқиқу омӯзиши он саҳми забоншиносон, ба монанди В. В. Виноградов, Ю. С. Степанов, Ю. А. Рубинчик, В. Г. Гак, В. С. Расторгуева, Ш. Рустамов, Н. Маъсуми, Ш. Ниёзи, С. Ализода, Б. Ниёзмуҳаммадов, Л. Бузургзода, Д.Т. Тоҷиев, М. Акрамов, М.Н. Қосимова, А. Мирзоев, Р. Ғаффоров, С. Ҳалимов, С. Матробов, К. Шукурова, С.Арзуманов, О.Ҷалолов, Шарл Баллӣ (Charles Bally), Морис Гревис (Morice Grevisse), Жак Дамурет (Jacques Damourette), Эдуард Пишон (Edouard Pichon), Жан Клод-Шувалие (Jean Claude-Chevalier), Мартин Риегел (Martin Riegel) ва дигарон бағоят бузург аст.

Забоншиноси рус И.Н. Берёзин хусусиятҳои сифати забони форсӣ-тоҷикиро шарҳ дода, бар он ишора мекунад, ки бо исм фақат сифатҳои аслӣ ва баъзан сифатҳои мураккаб омада метавонанд.

Ба масъалаҳои номбурда забоншиносони франсавилафз ба монанди Шарл Балли (Charles Bally), Морис Гревис (Morice Grevisse), Жак Дамурет (Jacques Damourette), Эдуард Пишон (Edouard Pichon), Жан Клод-Шувалие (Jean Claude-Chevalier) ва дигарон низ диққати махсус додаанд.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи сифатҳои аслӣ ҳам дар забонҳои мавриди таҳқиқ дараҷанокии онҳо мебошад, ки забоншиносон онро ба се тақсим кардаанд: **одӣ-positif, муқоисавӣ-comparatif** ва **олӣ- superlatif**.

Муаллифони грамматикаҳои забонҳои номбаршуда ба воситаи пасванди «**–тар**» ва «**–тарин**» дар забони тоҷикӣ ва ба воситаи зарфи миқдории «**plus**» ва «**la plus**» сохта шудани дараҷаи муқоисавию олиро нишон дода, илова мекунанд, ки предмет дар забони тоҷикӣ бо пешоянди «**аз**» ва предмети муқоисакунанда (дараҷаи муқоисавӣ) ва бо таркиби «**аз ҳама**» (дараҷаи олӣ) сохта метавонад. Дар забони фаронсавӣ бошад барои сохтани дараҷаи муқоисавӣ ба ҷойи пешоянди «**аз**» ҷонишини нисбии «**que**» ва барои сохтани дараҷаи олӣ ба ҷойи таркиби «**аз ҳама**»-и тоҷикӣ дар фаронсавӣ «**de tout (e)» ва «que tout (e)**» истифода бурда мешавад.

Е.Э.Бертелс оид ба хусусиятҳои грамматикии сифат маълумоти саҳеҳ дода, хусусияти дараҷа қабул намудани сифатҳои аслӣ ва калимасозии сифатро қайд мекунад.

Масалан, фаронсавишиносони рус ба монанди М.Рижель, Л. Теньер, Ж. Блинкенберг, Л.И. Илия дар таълифоти худ оид ба сифат ва категорияҳои он маълумотҳои мухтасар дода гузаштаанд, аммо дар ин замина яке аз фаронсавишиноси машҳури рус В.Г. Гак оид ба сифат, категория ва калимасозии сифат муфассал андешаронӣ намудааст. Аз гуфтаҳои боло метавон ба чунин хулоса омад, ки забоншиносони тоҷик ва фаронсавишиносони рус дар бораи сифат маълумот дода, онро ҳамчун категорияи мустақили дорои хусусиятҳои маъноӣ ва грамматикӣ шарҳ медиҳанд.

Дар забоншиносии тоҷик оид ба сифат дар ҳамаи грамматикаҳои дарсӣ (қисми якум, морфология) маълумот дода шудааст. Яке аз грамматикаҳои аввалини забони тоҷикӣ «Сарф ва наҳви забони тоҷикӣ»-и Саидризо Ализода аст. С. Ализода ба гурӯҳи сифатҳо калимаҳоеро дохил менамояд, ки онҳо аломат ва ҳолати ашёҳою шахсҳоро ифода менамоянд. Муаллиф сифатҳоро ба аслию нисбӣ ҷудо намуда, аз ҷиҳати ифодаи маънои онҳоро ба гурӯҳҳо тақсим менамояд. Сифат дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда ва хабар меояд.

Масъалаи категорияҳои грамматикии сифат дар очерки мухтасари грамматикии В.С.Расторгуева пурратару саҳеҳтар шарҳ дода шудааст.

Муаллифи мазкур хусусиятҳои фарқкунандаи исму сифат (надоштани категорияҳи ҷамъбандӣ, номуайянӣ мустақилона пешоянду пасояндро қабул накардан)-ро шарҳ дода қайд мекунад, ки сифатҳои аслӣ дараҷаҳо доранд. В.С.Расторгуева ба воситаи пасвандҳои **тар** ва **тарин** сохта шудани дараҷаҳои сифатро нишон дода, илова мекунад, ки ин ду пасванд аз ҷумлаи пасвандҳои калимасозанд, чунки онҳо дар ҷумла муносибати синтаксисӣ зоҳир намекунанд ва ба маънои калима фақат тобиши нав илова мекунанд. Бинобар ин, барои мавқеи муқоисаро ифода намудани онҳо воситаи иловагии пешоянди «**аз**» лозим аст.

Дуруст аст, ки шарҳи дараҷаи муқоиса дар ҷумла мавҷуд будани пешояндро талаб мекунад, то ки бо ёрии он аломати як предмет бо

аломати предмети дигар муқоиса карда шавад. Ҳангоми бо пасванди «–тар» ва «–тарин» сохтани дараҷаҳои қиёсӣ ҷараёни бо ҳам муқобил гузоштани аъзои муқоиса ба вуҷуд намеояд. Аммо ҳангоми пасванди мазкурро ба сифати аслӣ илова намудан, калимаи нав ба вуҷуд наомада, шакли нави ҳамон калима ба вуҷуд меояд.

**Тавсифи умумии таҳқиқот** дар он маълум мешавад, ки диссертант дар рисолаи мазкур монанди ва тафовути сифатҳои аслии забони тоҷикӣ ва фаросавиро аз нуқтаи назари сохторӣ-грамматикӣ ва луғавӣ- маъноӣ дар заминаи маводҳои забонӣ пажӯҳиш намуда, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявию амалии таҳқиқотро ба риштаи таҳқиқ мекашад, ки ҳамаи ин гуфтаҳо бо як тарзи услуби илмӣ тақсимотбандӣ шудаанд

**Навоварии** илмии рисола дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст таҳлили луғавӣ- семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ бар мабнои адабиёти бадеӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, хусусиятҳои луғавӣ, сохторӣ, семантикию синтаксисӣ ва типологӣ баррасӣ гардидаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар омӯзиши типологии сифатҳои аслӣ таҳлили сохториву маъноӣ ва синтаксисӣ маҳакӣ асосӣ ба ҳисоб меравад, зеро он ба ҳалли масъалаҳои бунёдии сифатҳои аслӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, дар диссертатсияи мазкур ба ҳамин паҳлуи мавзуъ диққати махсус зоҳир гардида, дар натиҷа муодилҳои пурра, нопурра ва номутобиқатии сохторӣ, луғавӣ ва маъноию синтаксии сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ муйян карда шудаанд.

**Аҳамияти илмии мавзуъ** аз он иборат аст, ки маводи дар рисола гирд овардашуда имкон дорад ҳангоми омӯзиши сифатҳои аслии забони тољикӣ ва муқоисаи онҳо бо забони фаронсавӣ, омода намудани барномаю лексияҳо барои фанни «Типологияи муқоисавӣ» мавриди истифода қарор дода шавад. Ҳамчунин аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки кор метавонад, ҳангоми корҳои илмии муқоисавӣ ва типологии дигар забонҳо, ҳангоми таълифи маводҳои илмию методӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва ғайра истифода шавад.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, 3 боб, хулоса, феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст. Дар муқаддима муаллифи рисола дар бораи муҳимияти мавзуъ, ҳадафҳои дар пеш гузоштааш, дараҷаи омӯзиш, манбаи таҳқиқ, мақсаду маром, усули таҳқиқ, навигарии илмӣ, моҳияту арзиши назарию амалии мавзӯъ изҳори назар кардааст.

Диссертант Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар таҳқиқи мавзӯъ асосан ба таълифоти асарҳои олимони Аврупоиву Руссия, Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя такя кардааст. Рисола дар асоси маводи фаровони осори илмӣ ва инчунин аз осори адабию бадеӣ ва фарҳангномаҳо муддати солҳои мадид гирд оварда шудааст.

Дар таҳқиқи мавзӯъ нигоранда аз усули таҳқиқотии таҳлили луғавӣ-семантикӣ ва муқоисавӣ истифода бурдааст. Ба воситаи усули таҳлили луғавӣ-семантикӣ тобиши маъноии сифатҳо муайян гардидааст.

Тавассути методи таҳлили муқоисавӣ мувофиқат ва фарқияти сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ муқаррар карда шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифа, навгонӣ, усули тадқиқот, аҳамияти илмию амалии тадқиқот, интихоби мавзӯъ ва инчунин доир ба ҷолибияти мавзӯъ маълумот дода шудааст.

**Боби аввали диссертатсия** (с. 15-42) « **заминаҳои таҳқиқи сифат дар забоншиносӣ** » ном дошта, дар ин боб ва ду фасли он дар бораи мафҳуми сифат дар забоншиносӣ маълумоти муфассал дода шудааст ва инчунин масъалаи таҳқиқи сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муаллиф дар ин боб роҷеъ ба хусусияти семантикӣ-маъноӣ сифат аломат, хосияту вазъият ва нисбату ҳолати исмро ифода намудани он маълумоти муфассал дода, онҳоро бо мисолҳо тасдиқ менамояд: *кӯчаи зебо-une* ***belle*** *rue, корҳои* ***хонагӣ*** *- les devoirs à* ***domicile***.

Оид ба хусусияти сарфии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ муҳимтарин аломати сарфии сифат соҳиб будани он ба дараҷаҳои муқоисавӣ ва олии он мисол меоварад: Муҳаммадаминбой **беҳтарин** ҷорбоғҳо, **ҳосилхезтарин** заминҳои ин қишлоқ ва атрофи онро ба дасташ гирифта буд [189, с.42]. - Mouhammad-Amin-baï s'était emparé des ***meilleurs*** vergers, de terres ***les plus fertiles…*** [199, с.52].

**Доир ба хусусияти наҳвии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ** сифат дар ҷумла пеш аз ҳама ба вазифаи муайянкунанда омада, дар ҷунин маврид ибораи тавсифӣ низ метавонад ҳосил шавад, ки онро диссертант бо мисолҳои мушаххас исбот намудааст:

Вақти таваллуд шудани ман падарам оини номгузориро ба ҷо оварда, ба хона **одамони мӯътабари** авулро таклиф кардааст [190, с.24]. - Lorsque je naquis, mon père invita chez lui **les gens les plus honorables** de l'aoul afin qu'ils se livrent à la cérémonie du choix d'un nom [198, с.27].

**Боби дувуми рисола** (С.43-102) **вазифаи семантикӣ-грамматикии сифатдар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ** унвон дошта, дар он сохтори семантикӣ- морфологии сифат, дараҷаҳои сифат, ба воситаи таркибҳо ифода гардидани сифат маълумот дода шудааст.

Ин боб низ дар навбати худ аз чунин фаслу зерфаслҳо иборат аст: «Сохтори семантикӣ-морфологии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ", "Дараҷаҳои сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ", "Дараҷаи муқоисавии сифат бо роҳи синтетикӣ дар забони тоҷикӣ ва муродифи он дар забони фаронсавӣ", "Ба воситаи таркибҳо ифода гардидани дараҷаи муқоисавии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ", "Бо муқоиса якҷоя омадани пешоянди «аз-de» дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» ва «Дараҷаи олии сифат дар забонҳои тоҷикию фаронсавӣ".

**Боби сеюми диссертатсия** (С.104-138) "**Вазифаи наҳвии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ",** буда он аз чор зерфасл иборат буда, дар ин фаслҳо доир ба нақши муайянкунанда доштани сифат, ҳамчун хабар

омадани он, ҳамчун ҳоли тарзи амал ва мутобиқат, фарқият ва љойи сифатҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар 14 банд ҷамъбаст намудааст, ки дорои аҳамияти назарӣ ва амалӣ мебошанд.

Ба андешаи мо, гузориши масъалаи мавриди таҳқиқ, яъне таҳқиқи таҳлили луғавӣ- семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои точикӣ ва фаронсавӣ ҳамчунин мавриди баррасӣ қарор додани вижагиҳои сохторию маънои сифат дар заминаи адабиёти бадеӣ аз дастовардҳои муҳими соҳиби диссертатсия маҳсуб ёфта, барои таҳқиқи дигар гурӯҳ ё шохаи забоншиносии минтақа дар оянда роҳ ҳамвор хоҳад шуд.

Кори диссертатсионии Маликов Абдулвоҳид мувофиқ ба талабот (стандарт) –ҳои нави илмӣ таҳия гардида, дар он тарзи овардани иқтибос, таҳияи бобу фасл ва зерфаслҳо, хулосаву рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима сурат гирифтааст, мазмун ва моҳияти дисертатсияро пурра ифода менамояд. Ҳамчунин рисола барои корҳои илмию тадқиқоти дар оянда метавонад чун роҳнамо хидмат намояд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола хеле муфиданд:

1. Номуназамӣ дар банду баст ва нишон додани адабиёт вобаста ба иқтибос бештар ба назар мерасад. Масалан дар саҳ 17 иқтибоси забони тоҷикӣ ба “Одина” ва тарҷумаи он ба “Марги судхур” рост меояд, ҳамин гуна иштибоҳот дар аксарияти саҳифаҳо ба назар мерасад.
2. Дар саҳифаи 32-и рисола иқтибос нодурст яъне танҳо соли нашри китоб дар қавсайн ва дар саҳ. 79 ё дар саҳ 106. иқтибос бидуни қавсайн оварда шудааст.
3. Дар номи кор “фаронсавӣ” ва дар дохили кор баъзан “франсавӣ” ва “француз” вохӯрдан мумкин аст, аз ҷумла дар саҳ 64 рисола.
4. Яке аз талаботи муосир дар илм истифодаи диаграммаву гистограмма, схемаву таблитсаҳо мебошад, ки муҳаққиқ аз инҳо истифода накардааст. Хуб мешавад, агар дар тадқиқотҳои минбаъда инро ба инобат бигирад.
5. Дар рисола хатогиҳои услубию имлоӣ ба назар мерасанд, вале манзалати дисертатсияро коста намегардонанд.

Дар маҷмӯъ, камбудиву норасоиҳои номбаршуда аҳамияти илмии таҳқиқоти мазкурро халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо ҷанбаи фаннӣ-тавсиявӣ дошта, ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Диссертатсияи номбурда таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ барои илми забоншиносии тоҷик маводи зарурӣ маҳсуб меёбад, ки кори тадқиқотии

нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои илмии дигар, таълифи осору мақолот ва таҳияи фарҳангҳои тафсирию соҳавӣ, барои таҳияи асарҳои монографӣ, навиштани китобҳо ва дастурҳои таълимӣ доир ба лексикология, услубшиносӣ, хондани курсу семинарҳои махсус ва тартиб додани луғатҳо ҳамчун роҳнамои хубе шуда метавонад.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад ва аз раёсату аъзои Шурои диссертатсионии 6D КОА –068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ хоҳиш карда мешавад, ки кори тадқиқотии мазкурро ҷонибдорӣ намоянд.

номзади илмҳои филологӣ, и.в.дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии
факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ Т. Ҷумаев
тел: 931241444

Имзои и.в.дотсент Т. Ҷумаевро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Э. Тавқиев

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

06.04.23